Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. E-mail: Olimov-1976@mail.ru, rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба кори диссертатсионии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм.** Диссертатсия ба фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ; 10. Асоснокkунонии пешниҳодот ва дурнамои рушди комплексӣ агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии ташкил ва фаъолияти бизнеси хурд ва миёна дар КАС ва деҳот; 20. Рушди устувори кишоварзӣ ва соҳаҳои он, деҳот ва инфрасохтори иҷтимоӣ; 34. Ташаккул ва рушди КАС дар сохтори диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ; 39. Рушди устувори деҳот ва махсусиятҳои инфрасохтори иҷтимоии он мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ омӯзиш ва танзими ҳолат ва нигаҳдории инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба яке аз самтҳои муҳими ҳалталаби сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Дар меҳвари он таваҷҷуҳи торафт афзояндаи давлат ба мушкилоти иҷтимоии деҳот, фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии он ва ғайра ки, ҳамчун самтгароии механизмҳои мавҷудаи махсуси деҳот ба ҳисоб мераванд, имконпазир мебошад. Вале, дар баробари ин, бисёр масъалаҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот то имрӯз ба андозаи зарурӣ таҳия нагардидаанд. Яъне, пешрафти самти иҷтимоӣ – иқтисодӣ нақши фаъоли давлат ва ҳампайвандии равандҳои қабули қарорҳоро барои дигаргун сохтани вазъи иҷтимоӣ – иқтисодӣ ҳамчун ҷузъҳои муҳими он мешуморанд. Аз ин лиҳоз, зарурати ҳифз ва беҳтар кардани ҳолати иҷтимоӣ – иқтисодии деҳот бояд дар тамоми низоми сиёсати маҳаллӣ, ки бо рушди инфрасохтории он алоқамананданд, инъикос ёбад.

Дар маҷмуъ барои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат асоснокkунии илмию назариявӣ ва таҳияи механизми рушди он зарур аст, ки ба ташаккул ва рушди худидоракунии маҳаллӣ ва инфрасохтори иҷтимоию истеҳсолӣ, сатҳи баланди рақобатпазирӣ, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва некуаҳволии

истиқоматкунандагон заминаи мусоид фароҳам оварад. Аз ин рӯ, сабаб, омӯзиш, таҳлил ва хулосабардори оиди мушкилоти рушди иқтисодӣ бояд бо назардошти ҳолат ва асосҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот сурат гирад. Дар умум, нуқтаҳои зикргардида, мубрамияти мавзуи диссертатсияи мазкурро муайян менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳлили амиқи кори илмии тақризшаванда нишон медиҳад, ки диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии онро таҳқиқ намуда, пешниҳодҳои асосноки илмӣ ироа кардааст, ки муҳимтарин навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионии довталабро метавон дар муқаррароти зерин барассӣ намуд:

1. Унвонҷӯ дар асоси омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он мафҳум, самт ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиро дар шароити барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва номукаммалии инфрасохтори иҷтимоӣ, ки татбиқи шароити мусоид ва некуаҳволии мардум, таъмини бехатарии озуқаворӣ, чорабиниҳои амиқ ба монанди: ташкили ҷойи корӣ, рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ва маблағгузории онро тавсия намудааст.

2. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ақидаи олимонӣ ватанию хориҷӣ оид ба моҳият ва мафҳуми инфрасохтори иҷтимоии деҳотро Исматуллозода С.И., ба таври зайл пешниҳод менамояд. «Инфрасохтори иҷтимоии деҳот ин, маҷмуи объектҳое мебошанд, ки барои мустақим қонеъ кардани талаботи (инсон) одамон хусусан сокинони деҳот, инчунин таъмини сатҳи муайяни зиндагӣ, тарбияи такрористеҳсолёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳаётии инсон ба хусусиятҳои хоси иқтисодӣ – бозоргонӣ пешбини шудааст», ки ҳамчун натиҷаи назарраси назариявӣ баҳисоб меравад.

3. Табиист, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлим, таъсири омилҳои иқтисоди бозоргонӣ, зиёдшавии аҳолӣ, афзоиши талабот ба объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, бозори истеъмолӣ ва мушкилотҳои мавҷудаи соҳаи иҷтимоӣ зарурати омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба миён меояд. Довталаб дар асоси омӯзиши сиёсати пешгирифтаи рушди деҳоти давлатҳои хориҷӣ дуру наздик дар мисоли: Ҷумҳурии Исроил, Чин, Иёлоти мутаҳидаи Америка, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия – ро таҳлилу хулосабардори намудем, ки принсипҳо ва сиёсати пешгирифтаи онҳо бахри ноил гаштан ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотӣ онҳо таъсири мусби расонидааст, ки тадбиқи ва истифодаи онҳоро дар ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тавсия намудааст.

4. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳолати ҳозираи инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолии деҳот, хусусан соҳаи кишоварзӣ, кооператсия, механизатсия, ҷалби сармоя, такмил ва бозомузии кадрҳо, истифодаи технологияи нав ва ғайра нуқтаҳои рушди онҳо муайян карда шудаанд, ки тадбиқи навгонии

пешниҳод намудаи Довталаб дар барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр ва ноҳияҳои минтақа барои истифода пешниҳод гаштаанд.

5. Аз ҷониби Довталаб дар навгонии панҷум самтҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба мисоли: молиявӣ, иҷтимоӣ, захираҳои табиӣ, амалисозии лоиҳаҳову барномаҳо коркард ва пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон бо истифодаи нишондиҳандаҳои соҳаҳои гуногуни инфрасохтори иҷтимоӣ сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва самаранокии он бо услуби пешниҳод намудаи Унвонҷӯ ҳисоббарории математики карда шудааст, ки метавонад баҳри истифодаи васеъ дар оянда фоидаовар бошад.

6. Унвонҷӯ дар натиҷаи таҳлилу омузишҳои гузаронидаи худ нақш, мавқеъ ва саҳми идоракунии давлатиро дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аввалиндараҷа шуморида моделҳо ва шаклҳои ҳамоҳангии давлат бобахшӣ хусусиро пешниҳод кардааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад. Инчунин аз ҷониби муаллиф амалигардонии онҳо дар сатҳи ассотсиатсияҳо, гурӯҳҳо ва ҷамоатҳои деҳот инчунин мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ оварда шудааст, ки иҷроиши онҳо рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва самаранокии онро таъмин намуда сатҳи зиндагии аҳолиро баланд ва фарқияти байни деҳот ва шаҳрро коҳиш медиҳад.

Аз ин рӯ, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки муаллиф барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ба натитиҷаҳои назарраси илмӣ даст ёфтааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Аз ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявии моҳияти идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, нишондиҳандаҳо ва методологияи баҳодиҳӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, арзиёбии вазъи муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, таҳлили иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоӣ – иқтисодӣ, мукаммалгардонии асосҳои идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тавассути сармоягузорӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушди оянда, ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ дар шароити гуногуншавии моликият, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот мусоидат мекунад, иборат аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳлилҳо бо истифодаи усулҳои пешрафтаи таҳқиқи иқтисодӣ - таҳлили системаҳо, омори-иқтисодӣ, ва усулҳои муқоисавӣ анҷом дода шудаанд. Хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки кори диссертатсионӣ ба самтҳои асосии рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии минбаъдаи фаъолияти он мусоидат кунанд.

**5.Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки нуктаҳои назариявӣ, методологӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни рушди инфрасохтории иҷтимоии деҳот ва самаранокии он мебошад, ки метавонад дар таҳияи тавсияҳои амалии илман асосноккардашуда дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки аз ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявии моҳияти идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, нишондиҳандаҳо ва методологияи баҳодиҳӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, арзиёбии вазъи муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, таҳлили иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоӣ – иқтисодӣ, мукаммалгардонии асосҳои идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тавассути сармоягузорӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушди оянда, ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ дар шароити гуногуншавии моликият, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот равона шудаанд, иборат аст. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо метавонанд ҳамчун дастури методӣ дар раванди таҳияи сиёсати иҷтимоии деҳот ва чун воситаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бозомӯзонидани кормандони соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ ва дар раванди таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шаҳру ноҳияиҳо метавонад, истифода гардад.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки баҳри дигаргунсозии самти институтсионалии идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ: ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ, таъмини истиқоматкунандагон бо оби нӯшокӣ, манзил, рушди агролизинг, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, рушди суғуртаи кишоварзӣ, хариди давлатии маҳсулоти кишоварзӣ, самтҳои хизматрасонӣ, таъминотӣ, дастгирии молиявии соҳаи коркард ва ғайра тавсия шудаанд, ки тақвиятбахшии истеҳсолоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва афзоиши самаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ, ки дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асос меёбад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар афзоиши нақши давлат барои тараққиёти инфрасохори иҷтимоии деҳот, ҳифзи муҳити атроф, фароғат ва осоиш, амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳо, ки ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди соҳаҳои иҷтимоии деҳот, хусусан хизматрасониҳои иҷтимоӣ, коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ дар асоси ташкили ҷойҳои кории нав, баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот ва таъсиси сарчашмаҳои даромади иловагӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

**6.Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки аз 158 адад иборат аст. Ҳаҷми он дар умум 170 саҳифаи чопӣ компютерӣ, аз ҷумла 48 ҷадвал, 15 расм ва 3 диаграммаро дарбар мегирад.

Дар муқаддима аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок гардида, муҳимияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, обеъкти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ – методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он оварда шудааст.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот»** моҳият, мафҳум, мушкилот ва самти назарияи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро кушода, нақш, ҳадаф ва вазифаҳои асосии

рушди устувори деҳотро баррасӣ намуда, равишҳои илмии онро нишон медиҳад ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Дар зербоби 1.1 - Моҳият, мафҳум ва самтҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот** дар асоси омӯзиши инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ҳамчун низоми вуҷуддоштаи гуногуни соҳаҳои кишоварзӣ, маҷмуи муассисаҳо ва ташкилотҳои дар деҳот мавҷудбудае, ки барои зиндагии мардуми деҳот шароити муфид фароҳам оварда, соҳаҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавии онҳо ва ҳамзамон дар оилаҳои деҳот ва ҳаёти деҳот иштироки онҳоро фаъол месозад ва таъсири хоси худро мерасонанд, меҳисобад.

Дар натиҷаи таҳқиқ таъкид шудааст, ки мафҳуми хоси инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҳамчун: «Маҷмуи объектҳое мебошанд, ки барои мустақим қонеъ кардани талаботи (инсон) одамон хусусан сокинони деҳот, инчунин таъмини сатҳи муайяни зиндагӣ, тарбияи такрористеҳсолии ҳамаҷонибаи ҳаёти шахс ба хусусиятҳои хоси иқтисодӣ - бозоргонӣ пешбинӣ шудааст» (с.21), ки дар пояи назариявии илмӣ мазкур ҳамчун як асос хизмат менамояд. Дар диссертатсияи мазкур муаллиф, ҷузъҳои инфрасохтори иҷтимоиро ба чор қисми алоҳида, вале бо ҳам пайваст ва алоқаманд бо зерсохторҳои онҳо муаррифӣ намудааст (с.23), ки ҳамчун саҳми назаррас дар соҳаи илмӣ, буда метавонад (с.13-26).

**Зербоби 1.2. - Мушкилот, нақш ва вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот.** Ҳангоми таҳлил оид ба нақш ва вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва манбаъҳои асосии онро, ки ба банақшагирии рушди он, таъсири хоси худро мерасонанд, тарҳрезӣ намудааст (с.30), ки ҷолиби диққат аст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар навбати худ таъмини рушди иқтисодии деҳот аз ҳадаф ва вазифаҳои зерин иборат буда (с.31) бо назардошти он консепсияе, ки рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таъмин менамояд, бо қисматҳои он таҳия ва пешниҳод намудааст (с.33), ки ҳачун навгонии илмӣ шуморидан мумкин аст (с.26-35).

**Зербоби 1.3. - Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот.** Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳолати кунунӣ, дуруст, амиқ ва асоснок намудани мавқеъ ва сиёсати таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва дар натиҷаи он, таҳияи сиёсати рушди иқтисодию – иҷтимоии деҳот аз он ҷумла он кишварҳое, ки минтақаҳои деҳот, гуногунии сохтори иҷтимоию иқтисодии табиӣ ва иқлимии онҳо шартан наздик ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (Исроил, Чин, Ӯзбекистон, ИМА, Қазоқистон ва Федератсияи Россия) амиқ мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси онҳо принсип ва тадбирҳои амалигардонии сиёсати рушди деҳот (с.41), ки зарур мебошад, пешниҳод намудааст, ки хеле муфид мебошад. Барои такон додани сиёсати рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз таҷрибаи давлатҳои мушаххас як қатор принсипҳо ва тадбирҳои амиқ, ки барои ҳалли он мусоидат менамоянд ва

муҳимияти онро нишон медиҳанд, интихоб ва пешниҳод шудааст (с.48) ҳамчун саҳми назариявӣ ва амалии диссертатсия мешуморем (с.35-48).

**Дар боби дуюм «Ҳолати кунунии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот»** тамоюлҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои асосии инфрасохтори иҷтимоӣ, инчунин мушкилотҳои мубрами рушди деҳот, ки ба афзоиши иқтисодиётӣ деҳот монеа мешаванд муайян карда шудаанд.

**Зербоби 2.1. - Тамоюлҳои рушди соҳаи кишоварзӣ.** Диссертант дар асоси таҳлилҳои гузаронидаи худ чунин иброз медорад, ки рушди соҳаи кишоварзӣ ҳамчун як ҷузъи истеҳсолот бевосита ба натиҷаи фаъолияти ниҳоии инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири худро мерасонад, аз ин лиҳоз ҳолати кунунии соҳаи мазкурро бо нишондиҳандаҳои амиқи оморӣ, иқтисодӣ зери таҳлил қарор дода, дастовардҳо ва камбудиҳои онҳоро муайян намуда, ба хулосае омадааст, ки тағйирёбии натиҷаи соҳаи растанипарварӣ аз ҳосилнокии зироатҳо бевосита вобаста мебошад (с.53-54). Қазияҳои коҳиш ёфтани ҳосилнокии баъзе зироатҳоро, дар нодуруст ё нокифоя истифода бурдани воситаҳои гардон, заҳркимиё, низоми нуриҳо аз он ҷумла минералӣ, тухмиҳои сифатан паст, риоя накардани технологияи коркади замин ва самаранок истифода нашудани онҳо мебинад. Дар баробари он маълумотҳои мушаххас оиди ҳолати кунуни ва қазияҳои соҳаи чорводорӣ аксӣ худро ёфтааст, ки рақамҳои оварда шуда аз он гувоҳӣ медиҳанд (с.55-58).

Унвонҷӯ ҳангоми таҳлили ҳолати инфрасохтори хизматрасонӣ чунин мешуморад, ки баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлатӣ мутамаддин мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он шомил аст. Ҳолати ҳозираи тафовути сифати зиндагии мардуми деҳот ва шаҳр, дар кишвар мутаассифона, хеле фарқиятеро дорост, ки дар натиҷаи он муҳоҷирати сокинон аз деҳот идома ёфта истодааст. Муҳайё намудани шароити муфид баҳри зиндагии бароҳати аҳолии деҳот тавассути рушди соҳаи мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ мебошад.

Унвонҷӯ иброз медорад, ки дар кишоварзӣ мавқеи хосеро дар байни қувваҳои истеҳсолкунанда замин ва захираҳои меҳнатӣ ишғол менамоянд, ин ду омил ҳамчун фишангҳои асосии таъсирбахш, ки рушди соҳаро таъмин менамоянд баромад мекунанд ва ба натиҷаи иқтисодии он таъсири худро мерасонанд (с.61-62). Беҳтар гаштани ҳолати иқтисодиёти кишоварзии НТҶ баланд бардоштани самаранокии меҳнат дар натиҷаи ворид намудани дастовардҳои илм, технологияи сарфакунандаи захираҳо, беҳтар гаштани дараҷаи механиконии равандҳои истеҳсолӣ, ивази корҳои дастӣ бо техника, ки дар натиҷаи коҳиши хароҷоти меҳнат (53,66%) , маҳсулоти зиёде ба даст омадааст (с.51-62).

**Зербоби 2.2. - Ҳолат ва сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот.**

**Зербоби 2.2.1. - Рушди соҳаҳои асосии инфрасохтори иҷтимоӣ.** Маълумоти овардашуда оид ба ҳолати инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар НТҶ гувоҳи медиҳанд, ки ҳолати афзоиши аҳолӣ ва рушди инфрасохтори мазкур начандон мутобиқат мекунанд аз он ҷумла дар самти маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, соҳаи тандурустӣ, маориф, хизматрасонӣ ба пирон ва маъюбон

рушд ётфа истода бошанд ҳам вале ба талаботи замона пурра ҷавобгӯ нестанд ва ҳалли қазияҳои мавҷударо металабанд (с.62-70).

**Зербоби 2.2.2. - Рушди хизматрасонии соҳаи манзилию коммуналӣ дар деҳот.** Дар диссертатсия қайд шудааст, ки яке аз соҳаҳои муҳимтарини инфрасохтори иҷтимоӣ ин соҳаи манзилӣ - коммуналӣ мебошад. Ҳолати кунунии масоҳати манзилҳои истиқоматӣ дар миқёси шаҳр ва деҳот вобаста ба моликият ночандон ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Зимни таҳлили муаллиф, ҳолати таъминоти истиқоматкунандагони деҳот бо масоҳоти умумии зист ва масоҳати зисти манзилҳои истиқоматӣ ба ҳар як аҳолӣ ҳоло ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам НТҶ ночандон ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ мебошанд ва нисбат ба давлатҳои хориҷӣ чунин фарқиятро дороянд, аз ҷумла дар Норвегия ба сари 1 нафар истиқоматкунанда 74 м$^2$ манзили зист, ИМА – 65 м$^2$, Япония - 31 м$^2$ ва Руссия - 18 м$^2$ рост меояд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин кишварҳо таъминоти аҳолии деҳот ба масоҳати зист нисбат ба шаҳр баландтар мебошад. Ҳолати соҳаи дигаре, ки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бо он пайваст мебошад ин хизматрасониҳои коммуналист, ки аҳолии НТҶ бо гармӣ ва оби нӯшокӣ таъмин мекунанд, низ ба меъёрҳои дигар давлатҳо ночандон ҷавобгӯ ҳастанд, муайян шудааст (с.70-80).

**Дар зербоби 2.3. - Таҳлили ҳолати иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии деҳот.** Таҳлили иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии деҳотӣ НТҶ, ки бо рақамҳои мушаххас камбудӣ ва бартарии он, ба монанди: ҳаҷми хароҷотҳои буҷетӣ, таъсири ҳаҷми андозаи шаҳру ноҳияҳо ба буҷет, хароҷоти буҷет дар соҳаҳои алоҳидаи инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ ва ҳолати сатҳи зисти аҳолӣ, мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Дар асоси онҳо унвонҷӯ пешниҳодҳои мушаххаси худро таҳия намудааст, ки ҷолиби диққат аст (с.80-88).

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот, дурнамо ва самаранокии он»** омилҳо ва роҳҳои таъмини рушди устувори онҳо, соҳаи кишоварзӣ, ҷалби сармоягузории давлатӣ ва бахши хусусӣ, таҳияи барномаҳои мақсаднок, такмили низоми идоракунӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин пешгӯӣ ва танзими давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот пешниҳод шудааст.

**Дар зербоби 3.1. - Рушди босуботи кишоварзӣ – асоси устувории инфрасохтори иҷтимоии деҳот.** Таҳқиқоти гузаронидашудаи унвонҷӯ нишон доданд, ки чӣ қадаре ки соҳаи кишоварзӣ рушд намояд, ҳамон қадар дараҷаи некӯаҳволии сокинони деҳот баланд мешавад. Муаллиф чунин мешуморад, ки вазъияти корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун омили муҳими инкишофдиҳандаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва тараққиёти рушди устувори он, ба фаъолияти тамоми соҳаҳои он таъсири худро мерасонад. Барои аз байн бурдани онҳо як қатор Қонунҳои қабулкардаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ва ғайра. Аз ҷиҳати сифатан нав ва такмил додани муносибатҳои аграрӣ, пеш аз ҳама, ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ ва муносибатҳои давлат, қабул гардидаанд, ки ҳамчун омили асосии афзоиши истеҳсолот мебошанд,

таъсири худро расониданд. Аз ин лиҳоз, дурнамои тараққиёти онро дар асоси динамикаи афзоиш тахия ва пешниҳод намудааст, ки дар даҳсоли оянда ҳаҷми МУ ба 144,73% бояд афзоиш ёбад. Дар он, афзоиши бештарро, ба сектори хоҷагиҳои ҷамъиятӣ додааст, чунки ин самт ояндадор буда, чунин шакли хоҷагидорӣ тадриҷан мавқеи хосеро ишғол менамояд (с.96).

Баъдан дар диссертатсия таъкид шудааст, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳаи кишоварзиро технологияҳои пешқадам таъмин менамоянд, дар партави ин истифодаи инноватсия дар системаи обёрии соҳаи растанипарварӣ пешниҳод шудааст. Яке аз ин афзалиятҳо истифодаи технологияи пешқадамӣ обёрии қатрагӣ нисбат ба системаи обёрии вуҷуддошта мебошад, ки он на танҳо ҳосили баланд, балки сарфаи назарраси иқтидори захираҳо, коҳиш ёфтани хароҷоти меҳнати вазнини дастӣ, сарфаи об, (дар айни замон дар ҷаҳон ба мушкилоти шадидтарини таъмин бо оби нӯшокӣ вуҷуд дорад), инчунин ҳифзи табиат, беҳтар намудани вазъияти экологии аҳолӣ, мусоидат мекунад. (с.98-99).

Муаллиф чунин мешуморад, ки ба суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳолати фондҳои асосии истеҳсолӣ, хусусан қисми фаъоли он, парки мошину – тракторӣ таъсири худро мегузоранд. Исбот шудааст, ки барои ба эътидол овардани талаботи соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар НТҶ ба техникаҳои лозима, ки миқдоран дар ҳолати кунунӣ мувофиқи меъёри тавсия шуда ба талабот начандон ҷавобгӯ мебошанд, барои онро таъмин намудан маблағи зарури лозим аст, ки онро молистеҳсолкунандагон бояд марҳила ба марҳила тадбиқ намоянд, таҳия ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти амалиро дорост (с.92-102).

**Зербоби 3.2. - Ҷалби сармоя ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот.** Дараҷаи рушд ва ташаккули низоми иҷтимоии деҳот асосан аз ҳолат ва намудҳои иншоотҳои инфрасохтори он муайян карда мешавад, ки ба ҳамкории самарабахши ҳамаи самтҳои фаъолият, хусусан ба беҳгаштани иқтисодиёти деҳот мусоидат мекунанд. Барои амалӣ намудани он модели консептуалии ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳотро ба таркиби ҷузъҳои асосии он, субъектҳои функсионалӣ, вазифаҳо, принсипҳои фаъолият, омилҳои ташаккулдиҳанда, афзалиятҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ оид ба маҳал, таркиби ҷузъҳо ва зер системаи ёрирасони инфрасохтори иҷтимоии деҳот мушаххас акси худро ёфтаанд, ки амалӣ гаштани он, сатҳ ва ҳолати самаранокии соҳаҳои онро мусоидат ва таъмин менамоянд. (расми 3.1 с.104). Қисматҳои амалӣ намудани натиҷаи таъсири модели рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва самаранокии (иқтисодӣ – иҷтимоӣ) дар се миқёс, тавсия намудааст (расми 3.2 с.105). Дар натиҷаи таҳлили ҳолати татбиқи маблағи лоиҳаҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ НТҶ муайян кардааст, ки татбиқи лоиҳаҳо дар сатҳи водиҳои минтақа, ҳолати маблағгузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор (82,2% дар водии Ҳисор 44,9км роҳ, 6 пул бо дарозии 300м, сохтмону барқарорсозии марказҳои касбомӯзӣ ва коллеҷҳои омӯзишӣ, таъмири иншоотҳои обтаъминкунӣ ва ғайра амалӣ гаштаанд, ки дар натиҷа самаранокии инфрасохтори иҷтимоии он амалӣ

гаштааст), нисбат ба водии Рашт (17,8%) зиёдтар мебошад, ки ин номутаносибии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар НТҶ ба вуҷуд овардааст, барои аз байн бурдани он, маблағгузорӣ ба инфрасохтори иҷтимоӣ дар НТҶ то давраи 2030 таҳия ва пешниҳод намудааст (ҷадвали 3.8 с.114). Чуноне, ки маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии бахшҳои мухталифи ҷомеа, хусусан соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар самтҳои он ба воситаи саҳмгузории буҷет амалӣ мегарданд (с.102-117).

**Зербоби 3.2.1. - Услубҳои муайянкунии самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, кафили рушди устувори он.** Аз муҳтавои диссертатсия ва таҳлилу санҷишиҳои унвонҷӯ маълум кардан мумкин аст, ки ҳар як услуби истифодашуда метавонад, самаранокии сатҳҳои алоҳидаи инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар иқтисоди кишоварзӣ муайян менамояд. Ба андешаи унвонҷӯ, қулайтарин услуб барои арзёбии самаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ, ин равиши вазъиятӣ мебошад, ки дар баҳодиҳии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мувофиқ аст (с.117-127).

**Зербоби 3.3. - Мукаммалгардонии идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити гуногуншаклии моликият.** Дар ин ҷода консепсияи рушди устувори бахшҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар асоси дастгирии давлатии он мавқеи хосеро дорост. Барои амалӣ намудани шаклҳои нави танзими идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, самтҳо, механизм, фишанг ва роҳҳои мухталифи худро ҳам дар меҳвари маъмурӣ – ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ молиявӣ доро буда, оид ба таъмини рушди бахшҳои соҳаи аграрӣ ва инфрасохтори иҷтимоии деҳот кумак ва саҳми арзандаи худро мегузоранд ва мусоидат менамоянд, тарҳрезӣ намудааст (расми 3.3 с.129).

Унвонҷӯ дар асоси маълумоти дақиқ, муаммоҳои кунунии иҷтимоии давлатро муайян намуда, қазияҳои кунунии он (расми 3.4 с.130), сохтори ба танзимдарорӣ (расми 3.5 с.131), шакли намунавии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаи манзилӣ – коммуналӣ, ки ба шакли ҶДММ, ҷамъияти саҳомӣ ё шакли дигари ташкили ҳуқуқӣ дар асоси ҷалби сармояи давлатӣ ва бахши хусусӣ бунёд мегардад ва фаъолияти худро дар асоси оинномаи қабул ва тасдиқшудаи аз тарафи колективӣ мазкур, мақомотҳои марбута таъмин менамоянд (расми 3.6 ва расми 3.7 с.133-134), таҳия ва пешниҳод намудааст, ки қобили қабул дониста мешавад.

Фаъолиятҳои амалигашта ва зинаҳои ояндаи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти ҷумҳуриро унвонҷӯ ба се марҳила ҷудо намудааст: омодагӣ, амалисозӣ ва натиҷагирӣ, ки ҳар яки онҳо хусусият ва самтҳои мухталифи худро дороянд. (ҷадвали 3.15 с.137-138). Бояд қайд кард, ки тадбирҳои ташкилӣ баҳри расонидани кумаки иҷтимоии давлатӣ ба аҳолии эҳтиёҷманд ва иштироки бахши хусусӣ дар он таваҷҷуҳ зоҳир кардан муҳим мебошад. Диссертант барои таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар оянда, самтҳои асосии онро ҳамчун моделӣ идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳот баҳри муайян намудани роҳҳои рушд, инчунин таъмини он таъсири бевоситаи худро мерасонад, пешниҳод намудааст (с.127-144).

Хулоса ва пешниҳодҳо 18 бандро ташкил дода, аз он натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 9 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ дар 9 банд акси худро ёфтаанд. Амиқии натиҷаҳои овардашуда баҳсталаб намебошанд.

**7. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионии Истамуллозода С.И. дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**8. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия.** Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия муаллиф ҳангоми омӯзиши асосҳои назариявии рушди инфрасохтори деҳот, мавқеи соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳангро асоснок мекард, арзиши илмии кори диссертатсионӣ боз ҳам баландтар мегашт.

2. Довталаб дар зербоби 1.3-и  диссертатсия саҳ. 48, ҷадвали 1.4 принсипҳои ташкили сиёсати рушди деҳотӣ Федератсияи Россия ва ИМА – ро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намудааст. Беҳтар мешуд, агар таҷрибаи амалигаштаи давлатҳои Осиёи Марказӣ-ро, низ дар ҷадвали мазкур ворид менамуд.

3. Беҳтар мебуд, агар дар боби дуюми диссерататсия маълумотҳо оид ба соҳаи сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, минтақаҳои таърихӣ ва захираҳои табиӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирифтанд, сифати кор бозҳам баландтар мегашт.

4. Баъзе натиҷаҳои илмие, ки дар рафти диссертатсия возеҳ ва равшан мавҷуд ҳастанд, дар хулоса ва тавсияҳо комилан акси худро наёфтаанд ба монанди:  ҷадвали 3.15. – Марҳилаҳои рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот саҳ.137.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта аҳамияти назариявӣ, илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ».** Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, №267, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқкоти илмӣ.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асосноккардашуда оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он, ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ҳавасмандии аҳолии деҳот баҳри ободонии он, саҳмгузор мебошад.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки таҳқиқоти гузаронидашуда, кори илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта мебошад, ки ҷанбаҳои назариявӣ, илмӣ, амалӣ ва методии муосири мавзуи таҳқиқотшавандаро дар худ таҷассум менамояд. Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод гашта, дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ иҷро гардида, тибқи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30.06.2021 тасдиқ шудааст, ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи иқтисодиёти
молиявӣ ва фаъолияти биржавии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А.

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А.– ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

«18» 03 2026 сол

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14.
E-mail: surush-sa@mail.ru.
Тел: (+992) 92 780 2994.